# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# «ДАР БОРАИ МИНТАҚАҲОИ КӮҲИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2013, №7,мод.531, аз 23.12.2021 № 1829)

Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим намуда, ба таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ин минтақаҳо, нигоҳ доштан, самарабахш ва оқилона истифода бурдани захираҳои табиӣ равона шудааст.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъдминтақаҳои кӯҳӣ) - ҳудудҳое, ки дорои хусусиятҳои хоси табиӣ (баландиҳои табиии минтақавӣ) буда, ба ташаккули экосистемаҳо, тарзи ҳаёт ва пешбурди фаъолияти хоҷагидории аҳолии дар ин ҳудудҳо истиқоматкунанда таъсир мерасонанд (Қонуни ҶТ аз 23.12.2021 № 1829);
- иртифоъсанҷӣ (гипсометрия) - чен кардани баландии минтақаҳои кӯҳӣ;
- баландиҳои табиии минтақавӣ - тағйирёбии мунтазами шароитҳо ва ландшафтҳои табиӣ, ки бинобар тағйирёбии иқлим ва баландии сатҳи баҳр, бо пайдоиши минтақаҳои табиии кӯҳии миёна, баланд ва баландтар ба амал омадааст (Қонуни ҶТ аз 23.12.2021 № 1829);
- ҳифзи минтақаҳои кӯҳӣ - маҷмӯи чорабиниҳое, ки ба ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ ва тарзи зиндагии анъанавии аҳолии минтақаҳои кӯҳӣ равона шудаанд (Қонуни ҶТ аз 23.12.2021 № 1829);
- танзими давлатии рушди минтақаҳои кӯҳӣ - низоми идоракунии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ки самтҳои асосӣ ва муҳими рушди минтақаҳои кӯҳиро муайян менамояд.

### Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи минтақаҳои куҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад (Қонуни ҶТ аз 23.12.2021 № 1829).

### Моддаи 3. Сиёсати давлатӣ оид ба минтақаҳои кӯҳӣ ва принсипҳои асосии он

1. Сиёсати давлатӣ оид ба минтақаҳои кӯҳӣ ҷузъи таркибии сиёсати умумидавлатӣ буда, тавассути чорабиниҳо дар самти дастгирии минтақаҳои кӯҳӣамалӣкарда мешавад.

2. Сиёсати давлатӣ оид ба минтақаҳои кӯҳӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- афзалияти дастгирии давлатии минтақаҳои кӯҳӣ;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувори минтақаҳои кӯҳӣ;
- ҳифзи асосҳои иқтисодӣ ва экологии минтакаҳои кӯҳӣ;
- дастрасии иштироки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣдар амалисозии сёсати давлатӣ оид ба минтақаҳои кӯҳӣ;
- дастрасии иттилоот оид ба вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кӯҳӣ;
- оқилона ва самаранок истифода бурдани захираҳои табии минтақаҳои кӯҳӣ;
- таъмини муҳити мусоиди зист барои аҳолии минтақаҳои кӯҳӣ.

Моддаи 4. Вазифаҳои Қонуни мазкур

Вазифаҳои Қонуни мазкур инҳоянд:
- муҳайё намудани шароит барои беҳсозии зисти аҳолии минтақаҳои кӯҳӣ, таъмини кору фаъолияти онҳо, ҳамчунин кам кардани фарқияти сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кӯҳӣ нисбат ба дигар минтақаҳо;
- нигоҳдорӣ ва ҳифзи захираҳои табиии минтақаҳои кӯҳӣ;
- таъмини ҳифзи муҳити зист, системаҳои табиии экологӣ ва ландшафтҳои табиии минтақаҳои кӯҳӣ (Қонуни ҶТ аз 23.12.2021 № 1829);
- фароҳам овардани шароити сармоягузорӣ ва ҷалб намудани сармояҳо барои рушди минтақаҳои кӯҳӣ;
- инкишоф додани соҳибкории хурд ва миёна дар минтақаҳои кӯҳӣ;
- анҷом додани дигар вазифаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

Моддаи 5. Ҳудудҳои минтақаҳои кӯҳӣ

1. Ҳудудҳои минтақаҳои кӯҳӣ ба намудҳои зерин тақсим мешаванд:
- ҳудудҳои минтақаҳои кӯҳии миёна, ки дар баландии аз 1000 то 1500 метр аз сатҳи баҳр воқеъ гардида дорои шароити мӯътадили табиӣ мебошанд;
- ҳудудҳои минтақаҳои кӯҳии баланд, ки дар баландии аз 1500 то 2000 метр аз сатҳи баҳр воқеъ гардида, дорои шароити нисбатан мӯътадили табиӣ мебошанд;
- ҳудудҳои минтақаҳои кӯҳии баландтар, ки дар баландии аз 2000 метр аз сатҳи баҳр воқеъ гардида, дорои шароити хосаи табиӣ буда, барои саломатӣ, зисти аҳолӣ ва кору фаъолияти онҳо таъсир мерасонанд.

2. Номгӯи ҳудудҳои минтақаҳои кӯҳии дорои шароити хосаи табиӣ мутобиқи иртифоъсанҷӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Моддаи 6. Захираҳои табиии минтақаҳои кӯҳӣ

1. Захираҳои табиии минтақаҳои кӯҳӣ моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодаи самараноки онҳоро ба шахсони воқеӣва ҳуқуқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад.

2. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ҳуқуқи истифодабарии объектҳои захираҳои табиии минтақаҳои кӯҳиро доранд, онро бояд мақсаднок истифода баранд.

Моддаи 6(1). Ҳифзи муҳити зист дар минтақаҳои кӯҳӣ

(Қонуни ҶТ аз 23.12.2021 № 1829)

1. Дар минтақаҳои кӯҳӣ системаҳои табиии экологӣ, ландшафтҳои табиии кӯҳӣ, қисматҳои табиӣ ва иқлими кӯҳӣ таҳти муҳофизати махсус қарор доранд.

2. Ҷойгиронии объектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолияти минтақаҳои кӯҳӣ пас аз гузарондани арзёбии экологии таъсири фаъолияти пешбинишуда ба муҳити зист иҷозат дода мешавад.

3. Зараре, ки ба муҳити зист дар натиҷаи амалисозии фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият дар минтақаҳои кӯҳӣ расонда шудааст, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 23.12.2021 № 1829).

## БОБИ 2. ИДОРАКУНӢ ВА ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ РУШДИ МИНТАҚАҲОИ КӮҲӢ

### Моддаи 7. Субъектҳои танзими давлатии рушди минтақаҳои кӯҳӣ

Субъектҳои танзими давлатии рушди минтақаҳои кӯҳӣ мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ буда, тартиби иштироки онҳоро дар чараёни рушди минтақаҳои кӯҳӣ Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд.

### Моддаи 8. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба (минтақаҳои кӯҳӣ)

Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба минтақаҳои кӯҳӣ инҳоянд:

- ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба минтақаҳои кӯҳӣ (Қонуни ҶТ аз 23.12.2021 № 1829);
- таъмини ҳамкории мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба минтақаҳои кӯҳӣ (Қонуни ҶТ аз 23.12.2021 № 1829);
- таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- таҳия, тасдиқ ва татбиқи барномаҳои мақсадноки рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кӯҳӣ;
- амалӣ намудани дигар салоҳиятҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

### Моддаи 9. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣоид ба минтақаҳои кӯҳӣ

Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба минтақаҳои кӯҳӣ инҳоянд:

- ташаккули фондҳои маҳаллии мақсадноки рушди минтақаҳои кӯҳӣ;
- иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба рушд ва ҳифзи минтақаҳои кӯҳӣ (Қонуни ҶТ аз 23.12.2021 № 1829);
- фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии варзишию кӯҳгардӣ ва экологӣ (Қонуни ҶТ аз 23.12.2021 № 1829);
- иштирок дар танзим ва истифодаи захираҳои табиии минтақаҳои кӯҳӣ;
- таъмини дастгирии иҷтимоӣ ва шуғли аҳолии минтақаҳои кӯҳӣ;
- фароҳам овардани шароит барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ (Қонуни ҶТ аз 23.12.2021 № 1829);
- амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарар намудааст.

### Моддаи 10. Ҳадафҳои танзими давлатии рушди миитақаҳои кӯҳӣ

Танзими давлатии рушди минтақаҳои кӯҳӣ аз ҳадафҳои зерин иборат мебошад:

- таъмини афзоиши истеҳсоли маҳсулот;
- инкишофи саноати коркарди маҳсулот;
- паст кардани сатҳи камбизоатӣва бекории мавсимӣ;
- инкишофи инфрасохтор барои ташкили шаклҳои гуногуни саёҳат(туризм) ва истироҳат дар минтақаҳои кӯҳӣ;
- мусоидат ба афзуншавии ҳаҷми маҳсулоти маҳаллӣ;
- ривоҷи истеҳсоли доруворӣ аз гиёҳу меваҳои худрӯи шифобахш;
- оқилона истифода бурдани захираҳои табиӣ ва заминҳои таъиноти кишоварзӣ;
- дастгирӣ ва рушди заминистифодабарии лалмӣ, боғдорӣ ва ангурпарварии кӯҳӣ, чорводории чарогоҳҳои кӯҳӣ(Қонуни ҶТ аз 23.12.2021 № 1829);
- рушди технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои коммуникатсионӣ;
- рушди системаҳои саноатӣ, ирригатсионию мелиоративӣ, шабакаҳои нақлиётӣ ва энергетикӣ;
- рушди хоҷагидории манзилию коммуналӣ (Қонуни ҶТ аз 23.12.2021 № 1829);
- таъмини дастрасии захираҳои қарзии имтиёзнок барои корхонаҳо ва соҳибкороне, ки дар минтақаҳои кӯҳӣфаъолият менамоянд;
- инкишофи инфрасохтори иҷтимоӣва муҷаҳҳазонии муҳандисии минтақаҳои кӯҳӣ;
- бо маводи илми, иттилоотӣ ва ҳуқуқӣ таъмин кардани маҳалҳои аҳолинишин дар минтақаҳои кӯҳӣ;
- пардохти музди меҳнат бо назардошти коэффитсиентҳои муқаррарнамудаи ноҳиявӣ ва фоизҳои иловагӣ ба музди меҳнат тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Моддаи 11. Манбаъҳои маблағгузории чорабиниҳои рушди минтақаҳои кӯҳӣ

Маблағгузории чорабиниҳои рушди минтақаҳои кӯҳӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, маблағҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ -накардааст, амалӣ карда мешавад.

Моддаи 12. Истифодабарии захираҳои табиӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ

1. Истифодабарандагони захираҳои табиӣ бояд манбаъҳои барқароршавандаи захираҳои табииро бо восита ва усулҳое истифода баранд, ки ба барқароршавии онҳо дар мӯҳлати нисбатан кӯтоҳ мусоидат намоянд.

2. Истифодабарандагони захираҳои табиӣ бояд талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ҳифзи табиат риоя намоянд.

3. Тартиби истифодабарии захираҳои табиӣ ва имтиёзҳоро дар минтақаҳои кӯҳӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

## БОБИ 3. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Моддаи 13. Ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба минтақаҳои кӯҳӣ

Ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба минтақаҳои кӯҳӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии

байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, амалӣ карда мешаванд.

Моддаи 14. Ҷавобгарӣбарои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 15. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣмавриди амал қарор дода шавад.

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе, аз 22 июли соли 2013, № 1003.